ХУЛОСАИ

комиссияи коршиносони Шурои диссертатсионии 6D.KOA-030-и назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Рустамзода Комилҷон Абдушукур дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологӣ ва муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ»барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ)

1. Мубрамияти мавзуи диссертатсионӣ аз муайян ва татбиқи шароитҳои самараноки педагогӣ барои ташаккули ин фарҳанг дар синфҳои ибтидоӣ, ки яке аз масъалаҳои муҳим ва мубрами соҳаи маориф мебошад, иборат аст. Дар замони муосир, ки бо мушкилоти ҷиддии экологӣ рӯ ба рӯ ҳастем, аз қабили ифлосшавии муҳити зист, тағйирёбии иқлим ва аз байн рафтани гуногунии биологӣ, тарбияи насли оянда дар рӯҳияи эҳтиром ва муносибати масъулона ба табиат аз аҳамияти аввалиндараҷа бархурдор аст. Дар ин раванд, синфҳои ибтидоӣ нақши калидӣ мебозанд, зеро дар ин даврaҳо асосҳои ҷаҳонбинӣ, арзишҳо ва муносибатҳои иҷтимоии кӯдак шакл мегиранд. Маҳз дар ҳамин марҳилаи ҳассос аст, ки ташаккули фарҳанги экологӣ ва муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат метавонад решаҳои устувор гузорад.

Аҳамияти амалии кор дар кӯдакон парвариш намудани ҳисси масъулият барои ҳифзи табиат аз айёми хурдсолӣ иборат буда, онҳоро ба амалҳои муфид ба мисли сарфаи об ва энергия, шинонидани дарахтон ва дигар фаъолиятҳои ба муҳити зист дӯстона водор месозад. Ин кӯдакон дар оянда ба калонсолони огоҳ ва масъулиятшинос табдил меёбанд, ки дар ҳалли мушкилоти экологӣ саҳм мегузоранд.

Диссертатсия тибқи талаботи Низомнома дар бораи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591 тасдиқ шудааст, ба анҷом дода шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро шуда, бо қарори ҷаласаи васеи кафедраи мазкур муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст (Суратҷаласа аз 25.09.2026, №1/1).

Дар хулосаи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертатсия баҳои мусбат дода шудааст.

2. Диссертатсия ҷавобгӯи талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани унвонҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591 тасдиқ шудааст, мебошад.

Арзиши илмии мавзуи таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки ҳифзи табиат бо арзишҳои ахлоқӣ, аз қабили меҳрубонӣ, ғамхорӣ, ҳамдардӣ ва эҳтиром ба ҳамаи мавҷудоти зинда зич алоқаманд аст. Кӯдакон тавассути

омӯзиши табиат ва ҳифзи он, меомӯзанд, ки ба дигарон, аз ҷумла ба ҷузъҳои табиат, эҳтиром гузоранд ва барои саломатии онҳо кӯшиш кунанд. Ин ба ташаккули шахсияти ҳаматарафаи онҳо мусоидат мекунад.

Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ), аз ҷумла: банди 1 - «Методологияи таҳқиқи фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ, моҳият, сохтор, вазифа, принсипҳои онҳо; моделсозии равандҳои иҷтимоӣ-педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ»; банди 4 - «Сифати ташкили ҷорабиниҳои иҷтимоӣ-педагогӣ» (технология ва усули баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ; меъёрҳо, нишондиҳандаҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ) мувофиқат мекунад.

3. Натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда бо омӯзиши ҳамаҷонибаи технологияҳои педагогӣ ва таснифи онҳо муҳиммии ин мафҳумро барои омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ нишон додааст. Натиҷаҳои диссертатсия барои омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, роҳбарони синф, педагогҳои иҷтимоӣ, мутахассисони соҳаи таҳсилоти иловагӣ, донишҷӯёни коллеҷҳо ва донишгоҳҳои омӯзгорӣ, инчунин барои падару модарон аҳамияти амалӣ доранд. Эътимоднокии натиҷаҳо бо роҳи санҷиши таҷрибавӣ-озмоишӣ, татбиқи онҳо дар амалияи як қатор муассисаҳои таълимӣ ва таҳлили натиҷаҳои бадастомада таъмин гардидааст.

Шумораи интишороти довталаб дар 12 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда, 4 мақола дар маводи конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ рӯи чоп дидаанд.

Маводи нашршуда дар нашрияҳои тавсияшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591 тасдиқ шудааст, мувофиқ аст.

4. Маводи диссертатсия бо истифода аз ишораҳои мувофиқ ба муаллифони онҳо ва ба сарчашмаҳои иқтибосшуда корбаст шудаанд, ки ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунанд.

Диссертатсия ба талаботи банди 31 Низомнома дар бораи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591 тасдиқ шудааст, мувофиқ аст. Он аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, натиҷаҳои нави илмӣ, нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшударо дарбар мегирад ва аз саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар илм шаҳодат медиҳад.

5. Дараҷаи эътимодноки натиҷаҳои таҳқиқот бо мавқеъҳои ибтидоии умумиметодологӣ, далелнокии хулосаҳои назариявӣ, таҳияи методикаи таҳқиқот, истифодаи методҳое, ки ба моҳияти падидаи мавриди омӯзиш мувофиқат мекунанд, мантиқ ва сохторсозии бобҳои назариявӣ ва амалии кори таҳқиқотӣ таъмин шудаанд.

6. Талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсиониро ба роҳбарӣ гирифта, комиссияи экспертии диссертатсияи Рустамзода Комилҷон Абдушукур тавсия мекунад, ки:

а) диссертатсияи Рустамзода Комилҷон Абдушукур дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологӣ ва муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ» барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионӣ иҷозат дода шавад;

б) ба сифати муассисаи пешбар: **Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода** таъин карда шавад.

в) ба ҳайси муқарризони расмӣ: **Холназаров Санг** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносии факултети химия ва биологияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва **Собирӣ Назира Солизода** - номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи назария ва методикаи тарбияи томактабии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров таъин карда шаванд.

г) барои муайян кардани вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, нашр ва паҳнкунии автореферат ва паҳлуҳои дигари арзёбии диссертатсия тавсия дода мешавад.

Комиссияи коршиносон диссертатсияи Рустамзода Комилҷон Абдушукур дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологӣ ва муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) таҳлилу баррасӣ намуда,

ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи Рустамзода Комилҷон Абдушукур дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологӣ ва муносибати ахлоқӣ ба ҳифзи табиат дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) ба ҳимоя иҷозат дода шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) мутобиқат мекунанд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

- Холназаров Санг - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносии факултети химия ва биологияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав;

- **Собирӣ Назира Солизода** - номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи назария ва методикаи тарбияи томактабии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров;

Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода** таъин карда шавад.

3. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

4. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои педагогӣ Раҳимзода Х.

Аъзоёни комиссияи экспертӣ:
номзади илмҳои педагогӣ Ҷонмаҳмадова Г.Ш.
номзади илмҳои педагогӣ Лутфуллоева П.М.

04.11.2026

Имзои Раҳимзода Х., Ҷонмаҳмадова Г.Ш., Лутфуллоева П.М.-ро тасдиқ мекунам.

Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳуҷатҳои
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ҳакимова Х.С.